# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.KOA–002–и назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ вобаста ба диссертатсияи **Назаров Тоҳирҷон Холмуминович** дар мавзуи «**Асосҳои педагогии ташаккули салоҳияти экологии омӯзгорони оияндаи биология дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон**» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.02. – Назария ва методикаи фанҳои табиӣ (таҳсилоти касбӣ)

Бо қарори Шурои диссертатсионии 6D.KOA–002 аз 07.01.2023, №10.1 комиссияи экспертӣ дар ҳайати 3 нафар тасдиқ карда шуд: Ибодов Маҳмадулло Орифович, доктори илмҳои фалсафа, профессор, профессори кафедраи фалсафа, раиси комиссия, **Иззатуллоев Куган** – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, дотсенти кафедраи фанҳои риёзию табиӣ ва методикаи таълими он, узви комиссия, **Лоиқов Парвиз**– номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳӣ, узви комиссия.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи **Назаров Тоҳирҷон Холмуминович** дар мавзуи «**Асосҳои педагогии ташаккули салоҳияти экологии омӯзгорони ояндаи биология дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон**», ки зери роҳбарии профессор Холназаров С. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.02. – Назария ва методикаи фанҳои табиӣ (таҳсилоти касбӣ) омода гардидааст, баррасӣ карда, қайд менамоянд, ки мавзуи таҳқиқот дар шароити кунунии рушди илми педагогика муҳим ва арзишманд арзёбӣ гардида, аҳамияти назариявӣ ва амалии муайян дорад.

Диссертатсия мутобиқи талаботи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ба тасвиб расидааст, иҷро шудааст.

Кори диссертатсионӣ дар ҷаласаи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳӣ (протоколи №7 аз 25.02.2022) ва Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (протоколи №1 аз 23.11.2022) муҳокима гардидааст.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31–33 ва 53–и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст ҷавобгӯ мебошад.

Натиҷаҳои кори илмӣ – таҳқиқотии **Назаров Т.Х.** дар шакли 14 номгӯи мақолаҳои илмӣ ба табъ расидааст, ки аз ин миқдор 7 адад дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Федератсияи Русия ба нашр расидааст.

**Мақсади таҳқиқот** таҳия ва аз нигоҳи илмӣ асоснок намудани технологияи ташаккули салоҳияти экологии омӯзгорони ояндаи фанни биология дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии мамлакат мебошад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо далелҳои зерин таъмин мегардад: эътимоднокии методологияи муттасили бонизом

(системавӣ); консепсияи илмии ташхиси педагогӣ, таъмини шароити таълим, натиҷаҳои фаолияти таҷрибавию озмоишӣ ва тасдиқи нуктаҳои дар фарзия пешниҳод гардида, ғоя ва консепсияи таҳқиқот, таҷрибаи шахсии фаъолияти касбии муҳаққиқ.

**Навгонии илмии таҳқиқот:**

– асосҳои назариявӣ ва методологии омодагии экологии омӯзгорони ояндаи биология дар шароити таҳсилоти муттасил мушаххас карда шуд;

– низом ва сохтори маърифати экологӣ, парвариши ҳисси майлу рағбат ва кӯшиши ҳифзи муҳити атроф дар заминаи ташаккули салоҳиятнокии донишҷӯён-омӯзгорони ояндаи фанни биология муайян карда шуда, аҳамияти он дар ҷараёни таълим ва тарбияи фарҳанги экологии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян карда шуд;

– омилҳо ва принсипҳои мураттабсозии мазмуни таълим ва тарбияи экологии донишҷӯён-омӯзгорони ояндаи биологияи дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурӣ мушаххас карда шуд;

– роҳҳои самарабахш ва принсипҳои дидактикии таълим ва ташаккули салоҳиятнокии экологии омӯзгорони ояндаи фанни биология коркард ва муқаррар гардид.

***Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмии*** 13.00.08.02. – Назария ва методикаи фанҳои табиӣ (таҳсилоти касбӣ). Мазмуни диссертатсия ба бандҳои зерини ихтисоси дар боло зикргардида мувофиқ мебошад: *банди 1.* асосҳои методӣ ва мавориди танзимкунандаи соҳаи таҳсилоти касбӣ, қонуниятҳо, усули таҳсилоти касбӣ, асосноккунӣ ва татбиқи консепсияҳо ва низомҳои омодасозии касбии мутахассисон; *банди 2.* назария ва методикаи равандҳои таҳсилот дар соҳаи омодасозии касбӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси мутахассисон; *банди 3.* такмили сохтори омодагии касбӣ ва бозомӯзии кадрҳо дар шароити таҳсилоти олӣ ва миёна; *банди 5.* инкишоф додани методҳо, воситаҳо, методикаҳо ва технологияҳои омодагии касбии мутахассисон; *банди 9.* мутасилии ҳадафҳо, муҳтаво, шаклҳо, методҳо дар системаи таҳсилоти касбӣ.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Вазъи таълими экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва омодасозии касбии омӯзгорони ояндаи биология дар шароити муосири таълими муттасил дар робита бо мавзуи таҳқиқот муҳим арзёбӣ мегардад;

2. Дар низоми омодасозии касбии омӯзгорони ояндаи биология ба барномаи таълимии донишҷӯён ворид гардидани масъалаи таълим ва тарбияи маърифати экологӣ ба аҳамияти ҳаётан муҳим ва зарур молик аст;

3. Ташаккули маҳорату малакаи омӯзгорони ояндаи биология доир ба таълиму тарбияи экологии хонандагон, ҳифзи муҳити атроф аз масъалаҳои умдаи раванди таҳсилот мебошад;

4. Асосҳои педагогии омодасозии касбӣ-экологии омӯзгорони ояндаи биология, натиҷаҳои таҷрибавӣ-озмоишии амсилаи пешниҳодшуда ва роҳу равиши босамари дар раванди озмоиш собитёфта дар самти баланд бардоштани маърифати донишҷӯён-омӯзгорони ояндаи фанни биология дар ташаккули фаъолияти касбӣ-экологии онҳо мусоидат менамояд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот:**

– ҷанбаҳои педагогии омодашавии омӯзгорони ояндаи биология ва ташаккули салоҳиятнокии касбӣ-экологии онҳо дар фаъолияти педагогӣ амиқ ва равшан карда шуд;

– фаъолияти мустақили илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-таҳқиқотии омӯзгорони ояндаи фанни биология, татбиқи амалии донишҳои ҳосилшуда дар робита ба ҳифзи муҳити зист ва истифодаи мақсадноки сарватҳои табиии кишвар роҳандозӣ ва арзёбӣ гардид;

– санҷиши озмоишӣ самаранокии амсилаи пешниҳодшударо бобати ташаккули маърифат ва масъулияти экологии донишҷӯён-омӯзгорони ояндаи биология собит намуд;

– тавсияҳои педагогии пешниҳодшуда ҷиҳати маърифати экологии донишҷӯён-омӯзгорони ояндаи фанни биология ва ҷалби онҳо ба фаъолияти самарабахш дар самти ҳифзи муҳити атроф кумак хоҳад кард ва аҳамияти комили амалӣ дорад;

– тавсияҳои методӣ дар густариши робитаи мактаб ва оила, омӯзгор ва падару модар дар самти маърифати экологӣ ва ҳифзи муҳити атроф саҳми арзанда мегузорад;

– хулосаҳои назарӣ ва тавсияҳои амалӣ дар раванди омодашавии касбии омӯзгорони ояндаи фанни биология дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, низоми баланд бардоштани сатҳи тахасссусии кадрҳои педагогӣ ёрӣ ва кумаки муассир хоҳанд расонд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона анҷом дода шуда, ягонагии натиҷаҳо, ва муқаррароти илмӣ барои ҳимоя ошкор гардидааст, ки аз саҳми шахсии муҳаққиқ дар илми педагогика шаҳодат медиҳад.

Талаботи низомномаи Шурои диссертатсиониро ба ҳисоб гирифта, комиссияи экспертӣ оид ба диссертатсияи Назаров Тоҳирҷон Холмуминович чунин тавсия медиҳад:

а) диссертатсияи Назаров Тоҳирҷон Холмуминович дар мавзуи «Асосҳои педагогии ташаккули салоҳияти экологии омӯзгорони ояндаи биология дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон» барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА–002-и назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ **иҷозат** дода шавад;

**b)** **ба сифати муассисаи пешбар**: Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров интихоб карда шавад;

**c)** **ба сифати муқарризони расмӣ**: **Мирзоев Салим Сайдалиевич**, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи биология ва методикаи таълими они Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ; **Мансурова Ҷамила Сулаймоновна**, номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ муайян карда шаванд;

d) барои дар Шуро муайян кардани вақти ҳимоя, ҷойгир кардани эълон, паҳн кардани автореферат, дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, гузоштани матни диссертатсия ва автореферат иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ,
доктори илмҳои фалсафа ,
профессор: Ибодов М.О.

Аъзои комиссияи экспертӣ,
номзади илмҳои педагогӣ,
дотсент: Иззатуллоев К.

Аъзои комиссияи экспертӣ,
номзади илмҳои педагогӣ,
дотсент: Лоиқов П.

*Имзоҳои* М.О. Ибодов, Иззатуллоев К. ва П. Лоиқов-*ро тасдиқ менамоям.*

Сардори Раёсати кадрхо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Амиров Ф.А.

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров, 16, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.

**Маълумот барои тамос:** Телефон: (+9923322) 2-35-06, E-mail: info@kgu.tj

21.01.2023